“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон д.и.и., дотсент _______________ Асрорзода У.С.
«31» августи 2023 с.

# ХУЛОСАИ
## ҷаласаи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Диссертатсияи докторӣ дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия» дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Қодирова Гулмо Толибовна, соли таваллуд 10.05.1968, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 1994 ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин)-ро бо дипломи аълочӣ хатм намудааст.

**Мушовири илмӣ:** Қурбонов А.К. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Мавзӯи диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна бо фармоиши ректори Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (имрӯза Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон) аз санаи 01.03.2019с., №040/И тасдиқ карда шудааст.

**Муқарризони холис:**

Калемуллоев М.В. - д.и.и., профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Ҷабборов А. - д.и.и., профессори кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ҷумъаев Б.М. - д.и.и., дотсент мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи докторӣ дар мавзӯи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсия дар мавзӯи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария,

методология, амалия» ба проблемаҳои актуалии муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсияи илмӣ иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Дар ҷаҳони муосир бо таъсири равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла дар баҳисобгирии муҳосибӣ масъалаҳои мубрам ва таъхирнопазире ба миён меоянд, ки омӯзиши ҷиддиро талаб мекунанд. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки дар равандҳои ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз ҳадафҳои асосии он татбиқ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад, душвориҳои зиёде пеш меоянд, ки маҳз бо таъсири равандҳои ҳамгироӣ марбут мебошанд. Ҳалли муносиби онҳо аз мақомоти давлатии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин аз муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ва муҳосибони аҳли амал андешидани тадбирҳои дахлдорро талаб мекунад.

Ҳамзамон ҳамкориҳои байни субъектҳои хоҷагидории алоҳидаи мамлакат бо субъектҳои иқтисодии байналмилалӣ густариш меёбанд. Ҳудудҳои муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳои хоҷагидорӣ васеъ шуда, дар навбати худ боиси тезонидани равандҳои ҳамгироӣ мегарданд. Дар натиҷаи тезонидани равандҳои ҳамгироӣ муносибатҳои тиҷоратию молиявии байни субъектҳои хоҷагидории мамлакатҳои гуногун амиқтар мешаванд. Мубодилаи молҳо, хизматрасониҳо, қувваи корӣ ва сармоя торафт бештар хосияти ҷаҳонӣ пайдо карда, дар баробари ин наздикшавии умумии иқтисодиётҳои миллӣ ба амал меояд.

Ихтисос ва номи мавзӯи диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия» ба шиносномаи ихтисоси (08.00.08-Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) мувофиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021- 2025 (Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, № 441), Стратегияи татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва стандартҳои байналмилалии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2018 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2013, № 202) алоқамандӣ дорад. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии диссертатсия таҳияи равишҳои назариявию методологӣ ба ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва тавсияҳои амалӣ барои гузариши корхонаҳои тиҷоратӣ ба корбурди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мебошад. Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда дар диссертатсия чунин вазифаҳо гузошта шудааст:

1. Таҳқиқи ҷанбаҳои таърихию назариявӣ ва равишҳои методологии ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ чун соҳаи илм ва соҳаи фаъолият дар низомҳои идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ.

2. Омӯзиши дигаргуниҳои шакли низоми баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба талаботи идоракунӣ, таҳқиқи равандҳои ҷудошавии баҳисобгирии муҳосибии ягона ба намудҳои баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ, ба миён омадани баҳисобгирии андоз.

3. Таҳлил ва арзёбии таъсири равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ ба рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ, муайян кардани хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ.

4. Муайян кардани моҳият ва хусусиятҳои иқтисодиёти муосир ва арзёбии таъсири онҳо ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, асоснок кардани зарурати ҳамоҳангсозӣ ва стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ.

5. Таҳқиқи фаъолияти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлили вазъи стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои ИДМ, арзёбии гурӯҳҳои асосии мушкилот дар раванди гузариш ба СБҲМ.

6. Тасдиқ кардани аҳамияти сиёсати баҳисобгирӣ ҳамчун воситаи асосии ташаккули низоми самараноки баҳисобгирии муҳосибии корхона дар шароити ҳамгироӣ ва татбиқи СБҲМ, коркарди тавсияҳои методӣ оид ба ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ барои ҳадафҳои баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз.

7. Таҳлил ва арзёбии раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, муайян кардани тадбирҳои асосӣ барои гузариш ба СБҲМ дар доираи ислоҳот.

8. Таҳқиқи методологияи ташаккули ҳисоботи молиявӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва муайян кардани тамоюлоти рушди амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити стандартҳои байналмилалӣ.

9. Омӯзиши фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва дар ин асос муайян кардани хусусиятҳои методологии рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои соҳибкории хурд.

10. Асоснок кардани зарурати ташкили низоми назорати дохилии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ, арзёбии нақши назорати дохилӣ барои таъмини саҳеҳӣ ва кам кардани хавфи таҳрифи ҳисоботи молиявии дар асоси стандартҳои байналмилалӣ таҳияшуда.

**Объекти таҳқиқот** низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мебошад.

**Мавзӯи таҳқиқот.** Ба сифати предмети таҳқиқот мушкилоти назария, методология ва амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ интихоб шудааст.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқот ба муқаррароте асос меёбад, ки татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ заминаи асосии рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва таъмини саҳеҳии иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳодшуда мебошад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот татбиқи мушаххаси назария ва методологияи дарки илмии предмети таҳқиқот мебошад. Диссертатсия ба асарҳои олимон ва муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, ки ба омӯзиши назария ва методологияи ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ бахшида шудаанд, асос меёбад. Дар раванди таҳқиқот усулҳои илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва дигарҳо истифода шудаанд.

**Иштироки шахсии докторант дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти шахсии рисоланавис ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки нақши худро дар илми иқтисодӣ мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл доранд. Ҳаммаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос гардидааст.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Сарчашмаҳои маълумотии рисолаи илмиро Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, Фармоишҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ, маводи конференсияҳо ва интишороти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, маводи Интернетӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ ташкил намудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар тӯли солҳои 2019-2023 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд ва дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунинанд:

1. Дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои таърихию назариявӣ ва равишҳои методологии ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ хусусиятҳои пайдошавии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун соҳаи илм ва ҳам соҳаи фаъолият муайян карда шудаанд. Марҳилаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ аз нигоҳи нав таҳқиқ ва арзёбӣ карда шудаанд. Бо такя ба муҳтавои асарҳои олимон ва муҳаққиқони ҷаҳонӣ асолати шарқӣ доштани илми баҳисобгирӣ тасдиқ карда шудааст. Баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун инъикоскунандаи фаъолияти хоҷагидории корхона муайян карда шуда, вобаста ба ин амсилаи шабеҳи низоми баҳисобгирии муҳосибии субъекти хоҷагидорӣ тартиб дода шудааст, ки дар он алоқамандии унсурҳои баҳисобгирӣ ва вазифаҳои идоракунӣ инъикос гардидаанд.

2. Собит карда шудааст, ки баҳисобгирии муҳосибӣ бар асари рушди доимӣ шакл ва муҳтавои худро дигар карда, ба талаботи хоҷагидорӣ, низоми идоракунии муосир ва эҳтиёҷоти истифодабарандагони иттилоотӣ дар ҳисоботи молиявӣ инъикосшаванда мутобиқ мешавад. Бо истифода аз равиши таърихӣ, шароити рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таъсири омилҳо ба равандҳои таҳаввули он, талаботи тиҷорати муосир ба дигаршавии шакли баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷудо шудани намудҳои он муайян карда шудааст. Мушкилоти методологии ҷудошавии баҳисобгирии муҳосибии ягона ба намудҳои алоҳида – баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз ба низом даровarda шудааст.

3. Дар асоси таҳқиқи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди ҳамгироии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ дар миқёси байналмилалӣ, таҳлил ва арзёбии таъсири равандҳои ҳамгироӣ ба низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ хусусиятҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ муайян карда шудаанд. Таъсири омилҳо ба стандартонии байналмилалии қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ таҳқиқ ва арзёбӣ карда шуда, хусусиятҳои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Дар ин маврид ба низоми миллии танзимкунии меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ҳамчун омиле, ки ба раванди стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир мерасонад, диққати муҳим дода шудааст.

4. Хусусиятҳои иқтисодиёти муосир вобаста ба таъсирашон ба низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ арзёбӣ карда

шудаанд. Омилҳои бо вазъи имрӯзаи иқтисодиёт алоқаманд, чун рушди технологияҳои рақамӣ, густариши ҳолатҳои бухронӣ, дигаршавии амсилаҳои тиҷоратӣ, пайдо шудани намудҳои нави дороиҳо ва аҳдҳои тиҷоратӣ, таваҷҷуҳ ба нақши иттилооти ғайримолиявӣ ва дигарҳо муайян карда шуда, алоқамандии онҳо бо баҳисобгирии муҳосибӣ дар шакли амсила пешниҳод карда шудааст. Собит карда шудааст, ки омилҳои мазкур ба муҳтаво ва хосияти иттилооти баҳисобгирӣ, шаклҳои ҳисоботи молиявӣ, ба методология ва сохтори низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар унсурҳои он таъсир мерасонанд. Вобаста ба ин зарурати ҳамоҳангсозӣ ва стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муосир асоснок карда шудааст.

5. Фаъолияти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои ИДМ таҳқиқ карда шуда, мушкилот ва монеаҳои дар раванди гузариш ба СБҲМ дар мамлакатҳои мазкур, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва арзёбӣ карда шудаанд. Хусусиятҳои миллии ислоҳоти муҳосибӣ дар мамлакатҳои ИДМ муайян карда шуда, тарзҳои истифодаи СБҲМ дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибии ин мамлакатҳо тавсиф ва ҷамъбаст карда шудаанд. Ҳамчунин душвориҳои дар рушди низоми назорати сифати ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ таҳияшуда дар малакатҳои ИДМ таҳлил ва арзёбӣ карда шудаанд. Барои тақвият бахшидан ба равандҳои гузариш ба СБҲМ дар мамлакатҳои ИДМ тавсияҳо таҳия ва пешниҳод карда шудаанд.

6. Муайян карда шудааст, ки дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ вазифаи авалиндараҷаи субъектҳои хоҷагидорӣ барои дуруст ба роҳ мондани низоми самараноки баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ таҳия ва роҳандозии сиёсати баҳисобгирии мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Мушкилоти асосии наздикгардонии баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз дар доираи сиёсати баҳисобгирӣ муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода шудаанд. Тавсияҳои методӣ оид ба ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ барои ҳадафҳои баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз, таҳияи нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар унсурҳои сиёсати баҳисобгирӣ пешниҳод карда шудаанд.

7. Раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, дар ин замина тадбирҳои асосӣ барои гузариши бобарор ба СБҲМ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои ислоҳот муайян карда шудаанд. Тасдиқ карда шудааст, ки раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ нисбат ба пешбиниҳо хеле зиёд тӯл кашидааст. Омилҳои асосии боздорандаи ноилгардии ҳадафҳои ислоҳот ошкор, гурӯҳбандӣ ва арзёбӣ карда шуда, барои бартараф кардани онҳо пешниҳодҳо таҳия шудаанд.

8. Дар асоси таҳқиқи методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ ва муайян кардани тамоюлоти рушди амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, камбудиҳои методологии ҳам СБҲМ ва муҳтавои онҳо, ҳам ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ таҳияшуда ошкор карда шуда; барои бартараф кардани онҳо тавсияҳо таҳия шудаанд. Амсилаи низоми ҳамгироии баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия карда шудааст, ки дар доираи он баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз вазифаҳои худро ба ҷо оварда, маълумоти ҳамдигарро истифода мебаранд. Таҳқиқи ҳисоботи молиявии якчанд субъектҳои дорои манфиати умум нишон дод, ки камбудии асосии раванди гузариш ба СБҲМ ин сатҳи пасти дониши касбии муҳосибон ва аудиторон мебошад.

9. Тасдиқ карда шудааст, ки соҳибкории хурд ҳамчун як унсури муҳими низоми иқтисодӣ ва самти муассири рушди муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар асоси омӯзиши фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ хусусиятҳои методологии рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои хурд муайян карда шудаанд. Омилҳои ба ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои соҳибкории хурд таъсиррасон таҳқиқ ва арзёбӣ карда шудаанд.

10. Муайян карда шудааст, ки камбудиҳо дар раванди ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ барои иҷрои рисолати асосии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ монеаҳо ба миён меоранд. Дар робита бо вазифаҳои бартараф кардани камбудиҳои мазкур зарурати таъсиси назорати дохилӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ асоснок карда шудааст. Фаъолияти унсурҳои асосии низоми назорати дохилӣ таҳқиқ карда шуда, ҷанбаҳои амалии рушди онҳо муайян карда шудаанд. Нақши назорати дохилӣ дар таъмини саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ ва кам кардани хавфи таҳрифи иттилооти молиявии дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ташаккулёбанда муайян ва арзёбӣ карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Муқарраროти назариявии дар диссертатсия таҳиягардида метавонанд ҳамчун саҳми муҳим дар ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва татбиқи СБҲМ муаррифӣ шаванд. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия имконияти иҷрои таҳқиқоти илмиро дар самти ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи СБҲМ фароҳам меоранд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои аз натиҷаи он пешниҳодгардида аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти корхонаҳои тиҷоратӣ барои татбиқ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ ифода меёбад. Татбиқи

амалии муқаррароти таҳиягардида имкон медиҳад, ки самаранокии низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи СБҲМ баланд бардошта шавад.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна - «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи диссертатсионии «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия» Қодирова Гулмо Толибовна 24 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 11,8 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 16-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия эътироф гардидаанд, аз чоп баромаданд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамояд.

**Апробатсия ва ҷори намудани натиҷаи таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳангоми хондани фанҳои «Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ», «Аудит», «Назорати давлатии молиявӣ», «Баҳисобгирӣ ва ҳисоботи андоз», «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит» (Санад аз 10.02.2023с.) ва дар ҷараёни таълимии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми хондани фанҳои «Баҳисобгирии идоравӣ», «Асосҳои аудит», «Таҳлили молиявӣ», «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ», «Аудити бахши давлатӣ», «Ҳисоботи молиявӣ дар корхонаҳои давлатӣ» (Санади №163 аз 11.05.2023с.) истифода шудааст.

Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии муҳосиботи корхонаҳо барои татбиқ қабул шуда, аз ҷумла дар ҶСП «Комбинати металургии тоҷик» (маълумотномаи №16/8

аз 6.04.2023с.) ва ҶДММ «Моор Стивенс» (маълумотномаи №34 аз 12.04.2023с.) истифода мешаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Тамоми даврaҳои таҳқиқот аз интихоби мавзуъ, таҳияи нақшаи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва коркарди маводи оморӣ ва ҳисоботӣ, интихоб ва иҷрои талаботи зарурии тартиби нишон додани адабиёт, муайян кардани мақсад ва иҷрои вазифаҳои таҳқиқот аз ҷониби худи муаллиф анҷом дода шудаанд. Муҳаққиқ дар заминаи таҳлили низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ, омӯзиши ҳисоботҳои молиявии субъектҳои дорои манфиати умум барои беҳгардонии раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявии саҳеҳ тавсияҳо пешниҳод кардааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои тиҷоратӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи СБҲМ истифода шаванд.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ҚОДИРОВА ГУЛМО ТОЛИБОВНА

**А) Монография ва китобҳо:**

[1-М] Қодирова Г.Т. Назорат ва тафтиш. Васоити таълимӣ [Матн] / Қодирова Г.Т. Душанбе: “Ирфон”. – 2011. – 128 с.

[2-М] Қодирова Г.Т. Аудит. Васоити таълимӣ [Матн] / Қодирова Г.Т., Ғафоров Ф.Ф. Душанбе: “Ирфон”. – 2013. – 265 с.

[3-М] Қодирова Г.Т. Баҳисобгирии молиявӣ. Васоити таълимӣ [Матн] / Қодирова Г.Т., Акрамова Ҳ.А., Қаюмова Ф.А. Душанбе: “Ирфон”. – 2014. – 412 с.

[4-М] Кодирова Г.Т. Управленческий учет. Учебное пособие [Текст] / Кодирова Г.Т., Акрамова Ҳ.А.Душанбе: “Ирфон”. – 2017. – 248 с.

[5-М] Қодирова Г.Т. Баҳисобгирии идоракунӣ. Васоити таълимӣ [Матн] / Қодирова Г.Т., Акрамова Ҳ.А. Душанбе: “Ирфон”. – 2018. – 248 с.

[6-М] Қодирова Г.Т. Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ. Монография [Матн] / Қодирова Г.Т. Душанбе: “Матбааи АИДНПҶТ”. – 2023. – 208 с.

**Б) Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия тавсия шудааст:**

[7-М] Кодирова Г.Т. Анализ хода реформ системы бухгалтерского учета в Республике Таджикистан [Текст] / Г.Т. Кодирова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. - № 2/8 (215). – С. 157-161;

[8-М] Кодирова Г.Т. Признание и оценка выручки в условиях МСФО [Текст] / Г.Т. Кодирова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. - № 2/6. – С. 86-89;

[9-М] Кодирова Г.Т., Особенности бухгалтерского учета векселей у векселедержателя [Текст] / Г.Т. Кодирова, М.Б. Каримиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. - № 1. – С. 122-127

[10-М] Қодирова Г.Т. Заминаҳои таърихӣ ва асосҳои илмии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова // Идоракунии давлатӣ. – 2021. - № 4-2 (54). – С. 45-55

[11-М] Кодирова Г.Т. Особенности построения системы бухгалтерского учета в субъектах малого предпринимательства Республики Таджикистан [Текст] Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2021. - № 4-1 (53). – С. 51-62

[12-М] Кодирова Г.Т. Развитие системы бухгалтерского учета в условиях глобализации [Текст] / Б.Х. Каримов, Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2021. - № 3 (52). – С. 38-42

[13-М] Қодирова Г.Т. Заминаҳои ҷудошавии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. - № 3 (32). – С. 151-159

[14-М] Қодирова Г.Т. Нақши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова, О.Ҳ. Ҷурахонов // Идоракунии давлатӣ. – 2022. - № 3 (57). – С. 15-26

[15-М] Қодирова Г.Т. Ҷанбаҳои таърихӣ ва равишҳои методологии ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ дар низомҳои хоҷагидорӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. - № 1. – С. 63-70

[16-М] Қодирова Г.Т. Сиёсати баҳисобгирӣ чун асоси ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Г.Т. Қодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - № 4-1. – С. 5-13

[17-М] Қодирова Г.Т. Мутобиқ кардани низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо шароити СБҲМ [Матн] / А.К. Қурбонов, Г.Т. Қодирова // Идоракунии давлатӣ. – 2023. - № 4/1. – С. 68-77.

[18-М] Қодирова Г.Т. Зарурати ташкили назорати дохилии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити муосир [Матн] / Г.Т. Қодирова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2023. - № 1-3 (113). – С.125-133.

[19-М] Қодирова Г.Т. Заминаҳои рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Г.Т. Қодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. - № 6. – С. 92-99;

[20-М] Қодирова Г.Т. Мушкилоти корбурди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Г.Т. Қодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - № 2. – С. 136-145;

[21-М] Кодирова Г.Т. Рыночные подходы к формированию системы бюджетирования хозяйствующих субъектов [Текст] / А.К. Курбонов, Г.Т. Кодирова // Финансовая экономика. – 2022. - № 4. – С. 292-294;

[22-М] Кодирова Г.Т. Вопросы развития практики бухгалтерского учета в Республике Таджикистан [Текст] / Б.Х. Каримов, Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2023. - № 3 (52). – С. 27-35.

**В) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[23-М] Қодирова Г.Т. Мушкилоти ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова / Ҷаҳонишавии иқтисодиёт: муаммоҳо ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва омор / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 23-24 ноябри соли 2016). – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2016. – С. 184-188;

[24-М] Қодирова Г.Т. Тартиби баҳисобгирии масрафҳо ва ҳисобкунии арзиши аслӣ бо усули марҳилавӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова / Мушкилоти баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар корхонаҳои тиҷоратӣ / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 30 марти соли 2019). – Душанбе: ДСХ, 2019. - С. 10-14;

[25-М] Қодирова Г.Т. Сиёсати рушди савдои байналмилалӣ ва низоми давлатии он [Матн] / Г.Т. Қодирова / Баҳисобигирии муҳосибӣ таҳлили ва аудит: вазъи муосир ва дурнамои рушд / Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 7-уми апрели соли 2018). – Душанбе: ДСХ, 2018. – С. 207-211;

[26-М] Қодирова Г.Т. Заминаҳои ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ дар низомҳои хоҷагидорӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова / Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 33-38;

[27-M] Қодирова Г.Т. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова / Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 28 марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – С. 20-26;

[28-M] Кодирова Г.Т. Влияние интеграционных процессов на реформу системы бухгалтерского учета в Республике Таджикистан [Текст] / А.К. Курбонов, Г.Т. Кодирова / ЭКОНОМИКА, БИЗНЕС, ИННОВАЦИИ / Сборник статей XXII Международной научно-практической конференции (Пенза, 2023). – Пенза: Издательство: Наука и просвещение, 2023. – С. 74-78;

[29-M] Кодирова Г.Т. Бюджетирования хозяйствующих субъектов в условиях рыночной экономики / А.К. Курбонов, Г.Т. Кодирова. Глобальная экономика и национальная безопасность. –М., 2021. № 3. С. 25-30;

[30-M] Кодирова Г.Т. Тенденции развития практики бухгалтерского учета в Республике Таджикистан в контексте международных стандартов [Текст] / Г.Т. Кодирова / Актуальные вопросы обеспечения экономической безопасности Таджикистана и стран мира в современных условиях. Международной научно-теоретический конференции (г. Куляб, 9-10.06.2023 года). – 2023. – С. 128-134;

Баъд аз таҳлил ва муҳокимаронихо

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта ба талаботҳои КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба экспертизаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 27 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 27 нафар, аз онҳо бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и., профессор 3 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

- “тарафдор” – 27 нафар
- “зид” – нест
- “бетараф” - нест

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2023, суратмаҷлиси №1, қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ** **Раҳимов С.Х.**

**Котиб:**
**ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ** **Анисаи М.**

***Имзоҳои Раҳимов С.Х. ва Анисаи М.–ро тасдиқ мекунам:***
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷураев Ш.Н.**
**«31» __08__ 2023 с.**